Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Тоҷикистони муосир давоми асри XX ва ибтидои асри XX1 тағйироти бузурги сиёсиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва умуман дигаргуниҳои куллии иҷтимоиро аз сар гузаронида, се маротиба парадигмаи ҳаёти худро тағйир дода, давоми ду марҳилаи аввал аз идеологияи расмии динӣ ба идеологияи баръакси он идеологияи атеистӣ рӯ овард. Дар самти ҷаҳонбинӣ ва қонунгузории амалкунанда, агар то Инқилоби сентябрии соли 1920 давлати ба дини ислом асосёфта дар ин ҳудуд поёдор бошад, пас, аз солҳои 1924-29 давлати бо идеологияи дунявию зиддидинӣ асосёфтаи марксизм ҳукмрон буд. Табиист, ки идеологияи ҳукмрон ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти шахсият, давлат ва ҷомеа таъсири бузург дошта, он дар ҳаёти хар як шаҳрванди кишвар нақши муҳим мебозад. Арзишҳои идеологӣ асосҳои роҳбарикунанда барои ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар заминаи онҳо ҳаёти ҳаррӯза ва қонунгузориву сиёсати давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Аз ин нуктаи назар мутобиқати рафтори шахс бо қонунгузории амалкунанда, якбора мутобиқати онро бо арзишҳои умумимиллӣ, умумидавлатӣ, яъне бо идеологияи ҳукмрон тақозо мекунад. Дигаргуниҳои иҷтимоии дар давраи аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба амал омада, ҷомеаи Тоҷикистон фаро гирифта, ҳангоме ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меомад, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағйир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешуданд, ки ин ба ноустувории иҷтимоие, ки дар ибтидои давраи пасошуравӣ дар ҷомеаи тоҷик дар шуури одамон ба вуҷуд омада буд, оварда мерасонид.

Якбора паст шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардум боиси таҷдиди нави арзишҳои иҷтимоӣ гардида,тақсимоти нави тамоми рафтори ҳуқуқӣ ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ мушоҳида мешуд. Аз ин сабаб, новобаста аз қабули қонунҳои нав ва танзими ҳуқуқӣ аксар вақт расман,чун пештара боқӣ монда, он назаррас аз ҳаёт ақиб мемонад. Инро ба назар гирифта, бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, баҳри пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва такмили рафтори ҳуқуқӣ соли 2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Қайд кардан лозим аст, ки масъалаи рафтори ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми қоидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба даст оварда мешавад. Ин масъала дар давраи дигаргунсозии иҷтимоие, ки ҷомеаи моро фаро гирифтааст, ҳангоме, ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меояд, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағйир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешаванд, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Таҷассуми талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтори қонунии субъектҳо шарти зарурии мавҷудият ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад. Ин аст, ки рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд карда мешавад, ки ин ба қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс мусоидат намуда, ба рафтори ҳуқуқӣ мувофиқат карда, барои ӯ низоми мусоид фароҳам меорад.

Ба роҳ мондани як қатор чораҳои судманд ва зарурӣ дар ин самт, ки метавонад норасоиҳои мавҷударо аз байн барад, барои боз ҳам ривоҷу равнақ бахшидани соҳаи мазкур таъсири мусбат расонад, инчунин барои ба вуҷуд овардани намунаи рафтори қонунӣ бошад, мавзуи баҳсро мубрам мегардонад. Аз ин нуктаи назар мавзуи пешниҳодгардида масъалаи мубраммии илмӣ ва махсусан амалӣ мебошад, ки дарёфти роҳҳалҳои он метавонад ба манфиати ҷомеа ва барои осон ташвиқу тарғиб намудани ҳадафу вазифаҳои ҷомеа, пайравии рафтори қонунӣ хизмат намояд. Яъне, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Ш.Ҷ. мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Таҳлили андешаву хулосаҳои дар автореферат баёнгардида, инчунин тавсияҳои пешниҳодшуда дар автореферат зикргардида моро ба хулосае меорад, ки

мавзуъ, матн ва сохтори таҳқиқот дуруст, тибқи талаботи илмӣ, пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ тахия гардида аст. Дар матни автореферати диссертатсия кулли талаботи илмӣ риоя гардида, хулосаву тавсияҳои он аз босамар иҷро намудани таҳқиқот дарак медиҳад.

Дар автореферат мақсади рисола эҷоди намунаи умумии назариявии муосири маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар марҳилаи муосир ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои татбиқи он муайян шудааст.

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

1) таҳлили мафҳум ва таснифоти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

2) омӯзиши омилҳои асосии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

3) баррасии мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

4) таҳлили аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ;

5) таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дар раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ;

6) тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахс;

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то хадди зарурӣ вазифаҳои гузошташударо мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар заминаи адабиёти илмии ватанию хориҷӣ таҳкикот анҷом дода, ба хулосаҳои объективонаи илмӣ ноил гардидааст. Аксари навгониҳои пешниҳодшуда, дар ҳақиқат дар илми тоҷик борпи аввал пешниҳод шудаанд. Дар кори эҷодии Мирзозода Ш.Ҷ. Як қатор андешаҳои бикр ба назар мерасанд, ки аз тайёрии хуби мутахассис дар самти таҳқиоти илмӣ дарак медиҳад. Истифодаи адабиёти илмии зиёд баёнгари паҳуҳишгари хуб будани муаллиф мебошад.

Дар баробари ин як қатор масъалаҳои баҳсталаб дар автореферат ба чашм мерасад. Масалан, дар банди 3 навгониҳо маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ба шакли ҳаракат ва ё беҳаракатӣ вобаста карда мешавад, ҳол он ки маромнокии шахс бевосита не, балки дар аксар маврид бавосита ва дар дараҷаи охир ба ҳаракат ва беҳаракатӣ вобаста буданаш мумкин аст.

Баъзе камбудиҳои техникӣ дар автореферат ба назар мерасад.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти рисолаи муаллиф таъси намерасонад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Мирзозода Шаҳло Ҷума ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» қобилияти баланди илмӣ нишон дода, автореферати диссертатсия ва дастовҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Буризода Э.Б.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рудакӣ, 33,
E-mail: buriev-68@mail.ru

Имзои Э.Б. Буризодаро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ, АМИТ Абдураҳмонзода Б.

03. 10. 2024.